# ФАРМОИШИ
## РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 02 соли 2026 № 30/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Расулзод Лоиқ Холиқ дар мавзуи «Ҳукумати электронӣ ва дурнамои рушди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02-Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Расулзод Л.Х. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Расулзод Л.Х. аз 30 январи соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХАБА АСЛАШ БАРОБАР АСТ